**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ**

Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши фарҳангӣ падидаи наве буда, барои рушди тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ такони ҷиддӣ дод: одамон ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро пайдо карда, инчунин муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии одамон ва ғайраро тағйир дод ва ба рӯҳия ва шуури инсонҳо таъсири хосса расонид.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон иттилоот, иртибот ва дониш асоси рушди босуръати ҳамаи сохторҳои ҳаёти ҷамъиятиро ташкил дода, ба ҳайси пешгирикунандаи ҳар гуна хатарҳо ва таҳдидҳо буда метавонад: баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ натиҷаи тақвият ёфтани фазои технологӣ-иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Аммо саъю талошҳои доимӣ имконият фароҳам оварда наметавонанд, ки дар сатҳи зарурӣ тамоми аъзои қишрҳои аҳолиро новобаста аз минтақаи ҷойгирбуда бо воситаҳои технологӣ таъмин намуда, нобаробариҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кору фаъолият, қабул ва интиқоли иттилоотро аз байн бурд.

Ба андешаи диссертант, пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ ва тамоюлгириҳои он дар Тоҷикистон дар маводи зиёд ва арзишманд инъикос ёфта, таҳлилу муқоисаи андешаҳои муҳаққиқони онҳо нишон медиҳанд, ки инсон ва ҷомеа ҳамеша дар ҳоли тағйирёбӣ ва рушд қарор дошта, вобаста ба таҳаввулот ва дигаргуниҳои рухдода ба муҳити нави иҷтимоӣ, ки муҷаҳҳаз бо воситаҳои техникӣ ва фазои иттилоотӣ аст, мутобиқ менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма

ниҳоди асосии ба роҳ мондани иртиботи иттилоотӣ ва таъмини иттилоъ ба аҳолӣ аст: телевизион ва радио ҳамчун воситаи самараноки иртибот, қабул ва пахши иттилоъ ҷойгоҳи хосса доранд.

Мавзӯи интихобнамудаи Исомадинова Ф. М. яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро довталаб ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро мустақилона муайян намуда, маҷмуи усулҳои таҳлили маводи ибтидоиро, ки ба вазифаи дар пеш гузошташуда мувофиқ аст, дуруст интихоб ва моҳирона истифода мебарад; шахсан маҷмуи пурраи меъёрҳои зарурро дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия, коркарди маълумотҳои ба даст овардашуда, таҳлил ва хулоса баровардан аз натиҷаҳои таҳқиқотро анҷом дода, пешниҳодҳои мушаххас баён намудааст.

Бояд зикр намуд, ки бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда шудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант Исомадинова Ф. М. маводҳои диссертатсияро ба шакли бобҳо ва зербобҳо дар алоҳидагӣ оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ бобҳоро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии он ҷамъбаст намудааст.

Боис ба зикр аст, ки мундариҷаи асосии диссертатсия дар 4-мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин якчанд мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст.

Автореферати мазкур дар асоси талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ” мундариҷаи рисоларо инъикос менамояд ва дар рушду нумӯи илми фалсафаи муосир саҳми босазо дорад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Исомадинова Ф. М. таҳти унвони **«Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ»** таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ шоиста мебошад.

**Муқарриз: номзади илмҳои фалсафа,**
**дотсенти кафедраи ҷомеашиносии**
**ДИС ДДТТ** **Ҷонназарова Д. Х.**

**Имзои н.и.ф., дотсент Ҷонназарова Д. Х. - ро**
**тасдиқ менамоям мудири шӯъбаи**
**кадрҳои ДИС ДДТТ** **Маҳмудов Ш.У.**